# ҚАРОРИ

мачлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-065

назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 24 - уми июни соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширинщоҳ Шоҳтемур Набиев Толиб, тақризи муассисаи пешбар - Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромади муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Эргашев Абдуллоҷон,** тақризи муқаррризи расмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара **Музафарзода Даврон Махмадшариф,** инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои кишоварзӣ, профессорон Салимзода А.Ф., Саидзода С.Т., Сардоров М.Н., Норов М.С. ва доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Солиҳов Маҳмадсалим Махмадуллоевич дар мавзуи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи “Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи “Низомномаи Шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар-хост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ Исмоилов М.И.